УДК 7А6
ББК 75 81
Р 44

## ҶАНБАҲОИ РУШДИ НАМУДҲОИ ГУНОГУНИИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ НОҲИЯИ ИСФАРА ВА ЗАХИРАҲОИ МАВҶУДА

***Раҳимов Озод Давронович** - магистранти соли 2-юми ихтисоси географияи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд),* e-mail: *orahimov98@mail.ru*

## ПОТЕНЦИАЛЫ РАЗВИТИЯ РАЗЛИЧНЫХ ВИДОВ ТУРИЗМА В УСЛОВИЯХ ИСФАРИНСКОГО РАЙОНА И СУЩЕСТВУЮЩИЕ РЕСУРСЫ

***Рахимов Озод Давронович** - магистрант 2-го курса по специальности география ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистан, г. Худжанд),* e-mail: *orahimov98@mail.ru*

## POTENTIALS FOR THE DEVELOPMENT OF VARIOUS TYPES OF TOURISM IN THE CONDITIONS OF THE ISFARA REGION AND EXISTING RESOURCES

***Rakhimov Ozod Davronovich** - 2nd year Undergraduate Majoring in Geography of SEI "Khujand State University named after Academician B. Gafurov". (Republic of Tajikistan, Khujand city), e-mail: orahimov98@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** сайёҳӣ, сайёҳии деҳот, сайёҳии кишоварзӣ, маданияти истифодаи замин, боғдорӣ, сайёҳии тиббӣ – истироҳатӣ, манфиатҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ.*

*Ҷабҳаҳои мухталифи рушди сайёҳӣ дар шароити деҳаи алоҳида бо таҳлили замина ва дурнамои иқтисодӣ – иҷтимоӣ инъикос ёфтааст. Имкониятҳои истифодаи захираҳои сайёҳии деҳот, кишоварзӣ, тиббӣ – истироҳатӣ ва ғайра дар асоси далелу бурҳонҳои воқеии маҳаллӣ ҳисоб карда шуда раванди болоравии иқтисодии деҳа дар натиҷаи рушди сайёҳӣ баррасӣ карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки барои рушди сайёҳӣ дар деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара таъмиру тармими мавзеҳои алоҳида, омода намудани кадрҳои босалоҳияти сайёҳӣ, бунёди меҳмонхонаҳои инфиродӣ ва ғайра зарур мебошад.*

***Ключевые слова:** туризм, сельский туризм, агротуризм, культура землепользования, садоводство, лечебно-рекреационный туризм, экономико – социальные выгоды.*

*Различные аспекты развития туризма в условиях конкретного селения проанализированы на основе перспективных экономико – социальных направлений. Использование туристических ресурсов села с учетом аграрного, лечебно – рекреационного и других видов, подсчитаны с учетом фактического материала и спрогнозированы возможности повышения экономики села в результате развития туризма. Установлено, что для развития туризма в условиях села Чорку Исфаринского района необходимы ремонт и реконструкция отдельных сооружений в некоторых местностях, подготовка квалифицированных кадров, со знанием особенностей туристический деятельности, построение гостиниц индивидуального характера и другие мероприятия организационно – управленческого направления.*

***Key words:** tourism, rural tourism, agro-tourism, culture, land use, gardening, medical and recreational tourism, economic and social benefits.*

*Various aspects of tourism development in a particular village are analyzed on the basis of promising economic and social areas. The use of tourism resources of the village, taking into account the agricultural, medical, recreational and other types, is calculated taking into account the actual material and the possibilities of hanging the economy of the village as a result of tourism development are predicted.has been established that for the development of tourism in the conditions of the village of Chorkuh, Isfara district, it is necessary to repair and reconstruct individual structures in some areas, train qualified personnel with*

*knowledge of the features of tourism activities, build guests of an individual character and other organizational and managerial activities.*

Олами маънавӣ ва завқи бадеии Инсон тавассути сафар ба минтақаю мамлакатҳои дигар қонеъ гардонида мешаванд, ки боиси бой гардидани маънавият ва афзудани майлу рағбати фарди алоҳида шуда метавонад. Инсон аз сайру саёҳати маҳали дигар бо асаби ороми барқароргашта ва қобилияти эҷодкорӣ дар ҷойи кории худ пурсамартар фаъолият менамояд. Аз ин лиҳоз, дар сайёраи Замин бо густариши вазъи иқтисодии аҳолӣ дараҷаи эътибор ба саёҳат торафт афзуда истодааст, ки инъикоси раванди мазкурро метавон дар мисоли аҳолии мамлакатҳои мутараққӣ мушоҳида намуд. Сайёҳ ва сайёҳӣ манбаи нерӯи ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёти кишварҳо гаштааст. Ҳатто, солҳои охир сайёҳӣ бо сиёсату муносибатҳои байнидавлатӣ таъсир расонида истодааст, ки мисоли аёни онро дар танзими дипломатияи байни Миср, Туркия, Кипр ва дигар давлатҳо бо Россияю давлатҳои Аврупо дидан мумкин аст. Масалан, маҳдудияти равуои сайёҳони Федератсияи Россия ба Туркия соли 2018-ум боиси расонидани зарари умумӣ дар ҳаҷми 6-8 миллиард доллари ИМА гаштааст. Дар асоси таҳкими муносибатҳои байни давлатҳои Россия ва Туркия давоми нимсолаи аввали соли 2021 зиёда аз 1,655 миллион нафар сайёҳони россиягӣ ба Туркия сафар кардаанд, ки маблағи даромад аз он баробар ба 4,2 миллиард доллар мебошад.[1] (маълумот аз TV "Россия 24".10.08.2021).

Соҳаи сайёҳӣ ҳамчун манбаи болоравии иқтисодиёти мамлакатҳо мавҷудияти заминаҳои муайяни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳоказоро тақозо менамояд. Зеро, сайру саёҳат ба мамлакату манотиқи дигар ҳатман фазои орому осудаи ҷомеа, кафолати таъмини амнияту ҳуқуқи инсон мавҷудияти инфрасохтори муайян, соҳаи таъминоти ғизоӣ ва ғайраро талаб менамояд. Хусусан, паҳн намудани маълумоти муфассал оид ба мавзеҳои табиати нотакрор, ёдгориҳои таърихӣ – табиӣ, анъанаҳои хосаи миллӣ ва дигар боиси таваҷҷӯҳи фард ё гурӯҳи одамон мегардаду барои қонеъ гардонидани диду завқи хеш ба сайру саёҳат камар мебананд. Одатан , дар мамлакатҳои соҳаи сайёҳиаш рушдёфта аллакай хатсайрҳои сершумор бо маҷмӯи хизматрасонӣ, аз макони хуб то тарҷумон – гид мавҷуд буда сол то сол такомул меёбад ва теъдоди сайёҳон бештар шудан мегирад. Вале, дар ҳар мамлакати минтақа, самтҳои ҷудогонаи сайёҳӣ майли мувофиқи сайёҳон паҳн мегардад. Масалан, ба давлати Миср асосан сайёҳон барои шиносоию тамошои аҳроми фиръавнҳо, бозёфтҳои бостоншиносон, иқлими гарм ва амсоли онҳо ташриф меоваранд. Вале, аксарияти сайёҳони давлати Туркияро иқлими гарму оббозии соҳилибаҳрӣ, фаровонии меваю сабзавоти сервитамини арзон, наздикии масофа то осоишгоҳҳо ва ғайра ҳавасманд гардонидааст.

Ҷабҳаи дигари рушди сайёҳӣ дар мамлакатҳои иқлимаш гарм имконияти истироҳат дар макони дуртар аз шаҳрҳои саноатӣ, яъне зиндагонӣ дар деҳаҳо, лаззатбарӣ аз ҳавои тоза, хониши паррандагон дар оғӯши табиати зебо, набудани ғулғулаю ларзиши воситаҳои техникӣ ва ҳамгунаи онҳо мебошанд. Фароғат аз дастовардҳои техникию моддии башарият боиси барқароршавии асаби хасташуда, оромшавии майна, гӯш аз овозҳои гӯшхароши техникиву технологияҳо, бедоршавӣ аз хоб таҳти хониши парандаҳову арроси ҳайвоноти хонагию ваҳшӣ дар маҷмӯъ заминаи маънавӣ ва тиббии сайёҳӣ мебошад. Бар замми он, мавҷудияти ёдгориҳои табиӣ – таърихӣ, мазористону мақбараҳо, наҳру кӯлҳои хурди маҳаллӣ ва амсоли онҳо барои босамару шавқовартар гузаштани вақти сайёҳ мусоидат менамояд. Бинобар ин, ҳангоми ташкили хатсайри сайёҳӣ, таркиби маълумотҳо ҳарчи бештари соҳаҳои мухталифи сайёҳӣ барои муаррифии захираҳои сайёҳии маҳал нақши муҳимро дорост.

Дар доираи таҳқиқотҳои навин оид ба омӯзиши ҷанбаҳои рушди намудҳои мухталифи сайёҳӣ ва захираҳои мавҷудаи он дар шароити табиии шаҳри Исфараи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои асосӣ дар муайян намудани имкониятҳои рушди сайёҳӣ ифода гардида масъалаи мазкур бештар аз нигоҳи географӣ ва экологӣ баррасӣ гардонида шудааст. Маъказҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар сарзамини Исфараи имрӯзаи зиёда аз 3 ҳазор сол пештар одамони қадим маскун шудаву тадриҷан ҷомеаи рушдёфта пайдо ва ташаккул ёфтааст. Алҳол дар миқёси шаҳр 109 адад ёдгориҳои табиӣ, таърихӣ ва ғайра ба қайд гирифта шудаанд, ки 10 ададаш аҳамияти байналмиллалӣ ва 41 тоаш аҳамияти ҷумҳуриявӣ дорад. Ғайр аз он, дар ҳудуди шаҳри Исфара 14 адад муассисаҳои фарҳангӣ 1 клуби сайёр, 6 адад хонаҳои маданияти деҳот ва 6 то клубҳои деҳот, 22 адад китобхонаҳо, 4 адад мактаби мусиқӣ ва як мактаби рассомии бачагона фаъолият менамоянд. Инчунин, як осорхонаи таърихию кишваршиносӣ ва 20 осорхонаи адибони номӣ мавҷуд аст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ аҳолии шаҳри Исфара зиёда аз 10,25 фоизи аҳолии вилояти Суғдро ташкил медиҳад ва ба санаи 01.01.2021-ум зиёда аз 283,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки дар 14 адад ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот зиндагонӣ менамоянд. Дар Исфара умуман зиёда аз 18 намуди меваҷот, 16 намуди сабзавот, 7 номгӯи растаниҳои мевадеҳ ва 7 намуди ғалладонагиҳо дар заминҳои корами обӣ, ки масоҳаташ ба 21843 га баробар аст, парвариш карда мешаванд. Ҳаҷми солонаи истифодабарии об зиёда аз 476,2 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад, ки аз он захираи оби зеризаминӣ беш аз 1 миллион м $^3$ –мебошад [2].

Таҳлили сатҳи маълумотҳои ғунгардидаи оморӣ собит месозад, ки дар миқёси шаҳри Исфара захираҳои рушди соҳаҳои мухталифи сайёҳӣ – сайёҳии деҳот, таърихӣ, табиӣ, фарҳангӣ, кишоварзӣ, геологӣ ва ғайра мавҷуданд, ки метавонанд дар дурнамои наздик мавриди истифода қарор гиранд. Масалан, дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Чоркӯҳи шаҳри Исфара рушди сайёҳии таърихӣ бартарияти комил дорад. Зеро, дар ин мавзеъ 5 адад мақбараи азизону авлиёҳои дини Ислом: Ҳазрати Шоҳ, Бобои Ялдо, Мазори Озар, Хоҷа Нуриддин, Хоҷа Калом, Хоҷа Исмоил, манораи қадима, пойдевори иншооти қадимаи асрҳои 1-11-и мелодӣ, катибаҳо, қӯрғон-қабристон ва ғайра мавҷуданд, ки аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ҳифз карда шуда истодаанд. Алалхусус, хусусиятҳои фарққунандаи парвариши ғалладонагиҳо, махсусан шолии пешпазаки девзира, помидор ва ҳам боғҳои зардолузори маҳал метавонад заминаи рушди сайёҳии кишоварзӣ бошад. Шевои хосаи забони тоҷикии маҳал, маҳсули ҳунармандони мардумӣ ва ғайра метавонад боиси макони сайёҳии деҳот гардидани деҳаи Чоркӯҳ бошад. Бар замми он рушди сайёҳии этникӣ – фолклорӣ низ имконпазир аст, ки эҷодиёти бойи деҳоти халқ, осори адабии нависандагону шоирони номдори Чоркӯҳ ба он замина шуда метавонад.

Мебояд қайд кард, ки гарчанде, ки деҳаи Чоркӯҳ дар масофаи ҳамагӣ 18 км дуртар аз шаҳри Исфара ҷойгир шуда бошад ҳам, то ҳол бо сабабҳои номаълум ягон хатсайри муайян таҳия нагардидааст ва бо сабаби паҳн нагардидани маълумотҳои мавҷуда ташрифи сайёҳон ба деҳаи Чоркӯҳ хеле ва хеле кам ба назар мерасад. Ҳол он, ки мавзеъ ва осорхонаи Лангари Моҳиён бо ёдгориҳои таърихии қадима ва тасвири нотакрори табиӣ то оғози солҳои 80-уми асри бистум макони ташрифи сайёҳони саршумори дохилӣ гардида буд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки олами ҳайвоноти Исфара таркиби мухталифи генетикиро доро буда мавҷудияти намудҳои сершумори растаниҳои эндемикӣ муҳимияти олами набототро инъикос менамояд. Муайян карда шудааст, ки маҳал ба вилояти полиарктикӣ мансуб буда ин хусусиятҳои ботаникӣ – зоологӣ метавонанд заминаи рушди сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои гуногуни шаҳр гарданд [3]. Рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳаи бештар ба бунёди инфрасохторҳои сайёҳӣ – меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра вобаста мебошанд. Гарчанде, ки дар ҳудуди деҳа наҳри Исфара тӯли масофаи зиёд ҷорӣ гардад ҳам, дар ин мавзеъ ягон адад осиёб  ё обҷувози обӣ боқӣ намондааст, ҳол он, ки дар байни мардум ҳунари қадимаи ордкашӣ ва равғанкашӣ, хусусан равғани зағир хеле маъмул аст. Эҳтимол меравад, ки масъалаи мазкур мебояд мавриди таваҷҷӯҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарор дода шавад ва бо ҷалби ҳунармандону соҳибкорони маҳаллӣ ҳаллу фасли қотеи худро дарёбад. Зеро, ин объектҳои номбурда метавонад омили ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ ба маҳал шуда метавонад.

Давоми таҳқиқотҳо ошкор карда шудааст, ки манбаи дигари рушди намуди нисбатан нави сайёҳӣ – сайёҳии кишоварзӣ дар миқёси шаҳри Исфара, хусусан ҷамоатҳои деҳоти Сурх ва Чоркӯҳ мебошад, ки дорои захираҳои фаровон мебошад. Истифодаи самараноки қитъаи замини корами обӣ тавассути гирифтани ду – се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар як мавсими нашъунамо хусусиятҳои хеле зиёди мусбат дорад ва метавонад боиси омӯзиши сайёҳон аз таҷрибаи андӯхтаи деҳқонони маҳаллӣ бошад. Зеро, кишти ғалладонаи тезпаз – ҷав дар моҳи октябр – ноябри тирамоҳ ва дарави ҳосили тайёр дар моҳҳои охири май - аввали моҳи июн дар дараҷаи 45-60 сентнерӣ ва якбора дар ин қитъаи замин коридани тухми шолӣ ё ҷуворимакка дар маҳал анъана шудааст. Хусусан, кишти навъи тезпази шолӣ – девзира дар ин қитъаи замин ва гирифтани ҳосили он дар ҳаҷми 60-70 сентнер аз ҳар як гектар таҷрибаи хосаро талаб менамояд, ки ҳамаи ин амалҳо дар заминаи тадбири ҳифз ва болобардории тавоноии ҳосилхезии замин татбиқ карда мешаванд. Чунин таҷрибаи муфид дар истифодаи масоҳати байниқатории боғҳои дарахтони мевадиҳанда низ зоҳир мегардад. Масалан, дар ҷамоатҳои Чоркӯҳ, Кӯлканд, Гулистон, Сурх ва дигари шаҳри Исфара одатан дар байни дарахтони зардолу ниҳолҳои шафтолу, биҳӣ, олу, ҳатто себи қадпаст мешинонанд, ки

нишонаи оптимизатсияи майдони боғот мебошад ва самаровар аст. Дар замми он дар қитъаи замини байни қатори дарахтон одатан ғалладонагиҳои тирамоҳӣ – гандум, ҷав, сулӣ ва ғайра кишт менамоянд. Баъд аз ғунучини ҳосили ғалладонагиҳо ва ҳам ҳосили меваи дарахтон вобаста ба ҳосилхезии қитъаи замин ва сатҳи таъминоти минтақа бо оби полезӣ зироатҳои ҷуворӣ, алафҳои яксола, баъзан арзан ё ҳатто сабзию турб, шалғаму шалғамча мекоранд ва дараҷаи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаровар ҳосилро ба даст меоваранд. Шиносоӣ бо чунин усулҳои истифодаи оқилонаи қитъаи замин ва таҷрибаи бой кишоварзии Исфара барои сайёҳии кишоварзӣ ва ҳам сайёҳии илмӣ хеле шавқовар ва мароқангези муфид хоҳад буд.

Умуман, дар асоси маълумотҳои зикрёфта, таҳлили воқеӣ, омӯзиши хусусиятҳои табиӣ – географии маҳалҳои шаҳри Исфара ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар маҳали зикргардида захираҳои фаровони рушди намудҳои мухталифи сайёҳӣ мавҷуд мебошанд. Рушди соҳаи сайёҳӣ дар маҳалҳои алоҳидаи шаҳри Исфара бо бунёду инфрасохторҳо, паҳннамоии маълумотҳои мавҷуда, тарғиби дастовардҳо, омода намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва омилҳои дигари иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангӣ алоқаманд буда ҳаллу фасли фавриро металабад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Паём ва рисолати созандаи он (Маҷмӯи Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2000-2016). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017.-516с.
2. Таджикистан: природа и природные ресурсы. Под ред. Саидмуродова Х.М. Душанбе, Ирфон, 1982, 461с.
3. Ҳисоботи омории шаҳри Исфара барои солҳои 2016-2020. Исфара, Нашр. 2021, 107с.
4. Шиносномаи экологии шаҳри Исфара. Хуҷанд, Наби Фахрӣ, 2014, 92с.


## REFERENCES


1. Message and its constructive mission (Collection of Messages of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan (2000-2016). - Khujand: Nuri Marifat, 2017. 516p.
2. Tajikistan: nature and natural resources. Ed. Saidmurodova Kh.M. Dushanbe, Irfon, 1982, 461 p.
3. Statistical report of Isfara city for 2016-2020. Isfara, Publication. 2021, 107p.
4. Ecological passport of Isfara city. Khujand, Nabi Fakhri, 2014, 92p.